**ДАСТУРАМАЛ БАРОИ ДАРХОСТҲО**

*Мақсад:* Лоиҳаҳои хурди грантӣ яке аз воситаҳои Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ (ДШҲ) мебошанд, ки фаъолиятҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати онро дар соҳаи рушд дар бар мегиранд ва пурра менамоянд. Грант баҳри тақвияти фаъолият дар доираи барномаҳои ҳамкории Швейтсария ба воситаи амалҳо ва маблағи хурд, бо усули инноватсионӣ дар соҳаҳои афзалиятнок ва дар чаҳорчӯбаи стратегияи ҳамкорӣ барои солҳои 2017-2020 (дар соҳаҳои обтаъминкунӣ, инфрасохтор, тағйирёбии иқлим; тандурустӣ; шуғл ва рушди иқтисодӣ, идоракунӣ, муассисаҳо ва мутамарказкунонӣ) истифода бурда мешаванд.

Ғайр аз ин, лоиҳаҳое, ки имкониятҳои баробарро ба занон ва мардон муҳаё месозанд ва ба раванди қарорқабулкунӣ ва шафофият мусоидат менамоянд, дастгирӣ хоҳанд ёфт. Лоиҳаҳои марбут ба пешгирӣ намудани таъсири офатҳои табиӣ ба ҳаёти инсон, молу мулк ва инфрасохтор ва ҳамзамон мавзӯъҳое, ки шиддату низоъу мунокишаро пешгирӣ менамоянд аз ҷониби Лоиҳаҳои хурди грантии дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ қобили қабул хоҳанд шуд. Лоиҳаҳои хурди грантӣ барои аёнияти барномаҳои Швейтсария низ нақши мусбат мебозад.

*Дархосткунандагон:* Шахсони ҳуқуқӣ ё инфиродӣ – мутахассисиони соҳаи касби худ, дар саросари кишвар дорои ҳуқуқи гирифтани маблағи грантӣ шуда метавонанд, агар лоиҳаи аз тарафи онҳо пешниҳодшуда ба як ва ё якчанд соҳаҳои кории дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ мутобиқ бошад.

*Мӯҳлат:* Давомнокии лоиҳаҳои хурд ҳадди аксар 12 моҳ буда, 30 рӯзи тақвимӣ барои ҳисоботи ниҳоӣ ҷудо карда хоҳад шуд.

*Маблағгузорӣ:* Маблағи ҳар як лоиҳа на зиёда аз 50 000 франки швейтсарӣ буда, бо пули миллӣ мутобиқи қурби муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон пардохт карда хоҳад шуд. Буҷет бо асъори миллӣ, яъне бо сомонӣ бояд пешкаш карда шавад.

*Пешниҳоди лоиҳаҳо/дархостҳо:* Лоиҳаҳо/дархостҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қабул шуда, дар мӯҳлати муқарраршуда дар шакли электронӣ ба воситаи суроғаи электронии dushanbe@eda.admin.ch ва ё ба шакли чопӣ ба Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ: кӯчаи Толстой 3 то соати 17:00 – и рӯзи охирини пешниҳоди лоиҳаҳо/дархостҳо қабул карда мешаванд. Шахси масъул қабули лоиҳаҳо/дархостҳоро тасдиқ хоҳад намуд.

*Бастаи лоиҳаҳои/дархостҳои пешниҳодшуда,* бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дарбар гирад:

- Лоиҳаи пурраи дар асоси принсипҳои дастурамал таҳрезишуда
- Буҷети лоиҳа, тибқи намунаи стандартии Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ сохташуда
- Нақшаи корӣ
- Нусхаи ҳуҷҷатҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ (барои шахсони ҳуқуқӣ) ё нусхаи шиноснома (барои дархосткунандагони инфиродӣ)
- Нусхаи Оинномаи ташкилот
- Реквизитҳои бонкӣ
- Шарҳи ҳоли (CV) – и кормандони асосии лоиҳа ва ё мушовирон
- Тавсияномаҳо ва ё дигар маълумот дар бораи фаъолиятҳои қаблӣ
- Ҳама гуна дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти лоиҳа

*Асос барои ради фаврӣ:*

- Лоиҳаҳо/дархостҳои нопурра ва ё нодуруст пешниҳошуда;
- Лоиҳаҳо/дархостҳои пас аз мӯҳлат пешниҳодшуда;
- Лоиҳаҳо/дархостҳои марбут ба масъалаҳои чорабиниҳои хайрия, стипендия, сафарҳои омӯзишӣ ва ғайра;
- Зиёд будани маблағи дархостшуда аз меъёри умумии буҷҷаи муқарраршуда ва ё аз чорабиниҳои ба нақшагирифташуда.

*Санҷишҳои пешакии дархосткунандагон* аз ҷониби кормандони ДҲШ гузаронида мешаванд. Дар сурате, ки андозаи маблағҳои барои татбиқи лоиҳа ҷудошуда, аз 20 000 франки швейтсарӣ зиёд бошанд, “арзёбии хавфи" (Risk Assessment) дархосткунанда ҳатман гузаронида мешавад.

*Дастур барои дархосткунандагон* барои баррасии унсурҳои асосии фаъолияти пешниҳодшуда формати стандартиро пешниҳод мекунад. Дар асоси баррасӣ ва арзёбӣ намудани иттилооти дар лоиҳа пешниҳодшуда, ДШҲ лоиҳаи пешниҳодшударо тасдиқ ё рад мекунад. Дастурҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дастрас мебошанд . Онҳоро метавон аз сомонаи ДШҲ ва ё аз ДШҲ дарёфт кард. Агар лоиҳаҳо/дархостҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардида бошанд, дархосткунандагон ҳатман шарҳи кӯтоҳи лоиҳа/дархостро бо забони англисӣ ҳамчун замима бояд пешниҳод намоянд. Дастури намунавии шарҳи кӯтоҳи лоиҳа/дархостро бо забони англисӣ дар Замимаи 1 ҷойгир шудааст.

*Буҷет:* Буҷети хуб таҳрезишуда бояд оддӣ ва воқеӣ буда, ҳатман ҳама андозҳои заруриро дарбар гирифта бошад. Буҷет бояд хароҷотҳои тахминии оянда лоиҳаро дар Сомонӣ дар асоси нархҳои миёнаи кишвар дошта бошад. Ҳиссаи дархосткунандагон ва донорҳои дигари имконпазир бояд дар буҷет инъикос ёбанд. Ҳангоми банақшагирии буҷет муҳим аст, ки хароҷоти иловагӣ набояд аз 10% - и маблағи додашуда зиёд бошад. Буҷети намунавӣ барои дархосткунандагон дар Замимаи 2 оварда шудааст.

*Тартиби пардохт:* Маблағҳои грантӣ бо асъори миллӣ - Сомонӣ ва дар асоси қурби муайянкардаи Бонки милиии Тоҷикистон (БМТ) ва нақшаи пардохти дар созишнома муайян кардашуда, пардохта мешаванд. Пардохтҳо ба воситаи интиқоли бонкӣ сурат мегиранд.

*Нақшаи татбиқи лоиҳа/дархост:* Барои фаҳмиши ҳамаҷонибаи татбиқи лоиҳа/дархост ва назорати он, аз дархосткунандагон хоҳиш карда мешавад, ки нақшаи иҷроиши лоиҳа/дархостро пешниҳод кунанд. Намунаи нақшаи татбиқи лоиҳа/дархост дар Замимаи 3 оварда шудааст.

*Аёният:* Бахри таъмин намудани аёнияти лоиҳаҳое, ки аз тарафи ДШҲ маблағгузорӣ шудаанд ва ё лоиҳаҳои муштараке, ки иҷро мешаванд, қоидаҳои дар Дастурамал зикршуда (Замимаи 4) ба Созишнома замима карда мешаванд.

*Арзёбии лоиҳаҳо/дархостҳо:* Бо гузашти мӯҳлати дархост, лоиҳаҳо/дархостҳои воридшуда, аз ҷониби Комиссияи арзёбии ДШҲ дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ арзёбӣ карда мешаванд. Вобаста аз сифати лоиҳаҳо/дархостҳо Комиссияи арзёбӣ метавонад лоиҳаҳо/дархостҳои воридшударо тасдиқ ё рад кунад, ва ё ба дархосткунандагон ҷиҳати беҳтар намудани сифати лоиҳаҳо/дархостҳои мазкур тавсия диҳад.

Қарори Комиссияи арзёбӣ ба дархосткунандагон тавассути почтаи электронии ДШҲ ва ё шахсан расонида мешавад. Дар сурати ҷавоби манфӣ гирифтани лоиҳаҳо/дархостҳои воридшуда, ҳеҷ гуна шарҳ пешниҳод карда намешавад.

*Созишнома:* Дархосткунандагони муваффақ бaҳри ба имзо расонидани Созишнома лутфан даъват карда хоҳанд шуд ё нусхаҳои электронии Созишнома ба онҳо фиристода хоҳад шуд. Нусхаҳои электронии ба имзо расида низ барои коркарди минбаъда қабул карда хоҳанд шуд. Шартҳои Созишнома бо грантгиранда барои пурра ба амал баровардани фаъолиятҳо баррасӣ карда мешаванд.

*Мониторинг ва арзёбӣ:* ДШҲ усулҳои гуногунро баҳри мониторинги муваффақиятҳои грантгиранда истифода мебарад, аз он ҷумла, арзёбӣ намудани натиҷаҳои ниҳоии фаъолиятҳо, ташриф овардан ба макони иҷроиши фаъолиятҳо ва омӯхтани ҳисоботҳои даврӣ.

*Санаи  хотимаи грант:* Ҳамаи фаъолиятҳои аз тарафи Лоиҳаҳои хурди грантӣ дастгирӣ ёфта, мувофиқи санаи  рӯзи анҷоми лоиҳа, ки дар Созишнома дарҷ гаштааст, хотима хоҳанд ёфт, то фурсате, ки аз тарафи иҷрокунанда/грантгиранда ҳуҷҷати ба тариқи хаттӣ тасдиққкунанда барои дароз намудани мӯҳлати пешинаи лоиҳа дастрас нашавад. Ҳама гуна дароз намудани мӯҳлати лоиҳаҳо аз тарафи сарвари ДШҲ тасдиқ карда хоҳад шуд.

*Инвентаризатсия:* Ҳама маводҳои лоиҳа то се сол дар ихтиёри ДШҲ дар Душанбе мебошанд  ва баъдан ба ихтиёри иҷрокунандаи лоиҳа супорида мешаванд.

*Ҳисоботи охирин ва хотимаи лоиҳа:* Тибқи шартҳои Созишнома, дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ пас аз хотимаи лоиҳа грантгирандаи лоиҳа бояд ҳисоботи ниҳоиро ба ДШҲ пешниҳод намояд. Ҳисоботи ниҳоӣ  бояд бо забони англисӣ ва/ё англисӣ, тоҷикӣ, русӣ пешниҳод шавад. Ҳисоботи молиявӣ бояд ҳатман дар шакли имзошудаи PDF дар ҷадвали Excel дастрас карда шавад. ДШҲ ҳуқуқи тафтиши маҳфузияти маблағи шарикони сеюмро дорад. Дархосткунандагон метавонанд ба таври фаъолона маҳфузияти маблағҳои шариконро бо далелҳо (аризаҳо ва ёддошти тафоҳум ҳамкорӣ) исбот намоянд.  Дар ҳолате, ки ҳисоботи мазкур аз тарафи кормандони дахлдор тафтиш ва тасдиқ карда шавад, пардохти охирин сурат мегирад ва лоиҳа аз ҷиҳати амаливу молиявӣ хотима хоҳад ёфт. Намунаи ҳисоботи амалӣ дар Замимаи 5 ҷойгир шудааст.

Ҳамзамон, ДШҲ ҳуқуқ дорад  аз гарнтгиранда маблағи грантии сарфношуда ё ғайриқонунӣ аз ҷониби грантгиранда (ва ё субконтартер/зерқабулкунанда) сарфшударо,  дар асоси шартҳои Созишнома талаб намуда, баргардонад, аз ҷумла маблағе, ки аз тарафи грантгиранда барои хароҷоте, ки воқеан иҷро нагардидааст, пардохт карда шудааст (яъне, бо ҳуҷҷатҳои тасдиққкунанда дастгирӣ нашудааст).

*Ҳисоботи ниҳоӣ қисмҳои зеринро дар бар мегирад:*

*Ҳисоботи амалиётӣ:*

1. Тавсифи кӯтоҳи ҳадафҳо ва дастовардҳои фаъолият. Ҳисоботи ниҳоӣ бояд ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои дастовардҳои лоиҳа ва дигар нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати объективӣ ченшаванда, ки грантгиранда барои нишон додани дастовардҳои лоиҳа муносиб мешуморад, мутааллиқ бошад.
2. Тавсифи кӯтоҳи ҷараёни татбиқи чорабиниҳо, дарсҳои омӯхта ва тавсияҳо, ва раванди паҳнкунии ахборот дар ҷомеа.

*Ҳисоботи молиявӣ:*

3. Ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи хароҷот (нусхаҳои аслии ҳисобнома-фактура, квитансияҳо, чекҳо, шартномаҳо, патентҳо ва ғ.).
4. Ҳамаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи хароҷот (нусхаҳои ҳисобнома-фактура, квитансияҳо, чекҳо, шартномаҳо, патентҳо ва ғ.), ки аз тарафи донорҳо, ташкилотҳои дигар ва ё аз тарафи худи ташкилоти дархосткунанда.

**Замимаи 1. Дастурҳо барои лоиҳаи пешниҳодшаванда**

**НАМУНАИ ТАВСИФИ МУҚАДДИМАВИИ ЛОИҲАИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА (бояд бо забони англисӣ пур карда шавад)**

| | |
|---|---|
| 1. Project name:<br>Номи лоиҳа | |
| 2. Project mission:<br>Ҳадафи лоиҳа: | |
| *3.* Objectives of the project: *(short, max. 2 objectives)*<br>Ҳадафҳои лоиҳа:(кӯтоҳ, ҳади аксар 2 ҳадаф ) | |
| *4.* Short description of expected result: (*can be in bullets)*<br>Тавсифи мухтасари натиҷаҳои дар назардошташуда: *(метавон ҳамчун рӯйхат пешкаш шаванд )* | |
| 5. Total project budget:<br>Буҷети умумии лоиҳа: | |
| *6.* Budget requested: (*amount, % a ratio from total amount, own contribution)*<br>Маблағи дархосташаванда: (миқдор,% -и миқдор аз маблағи умумии, саҳми худ) | |
| 7. Duration of the project:<br>Давомнокии лоиҳа: | |
| 8. Geographical coverage:<br>Фарогирии ҷуғрофӣ: | |
| *9.* Beneficiaries of the project: (*who, numbers)*<br>Бенефитсиарҳои лоиҳа: *(киҳо, шумора)* | |
| 10. Main project events/highlights:<br>Чорабиниҳо/фаъолиятҳои асосии лоиҳа: | |
| 11. Partners:<br>Шарикон: | |
| 12. Project contact person:<br>Шахси масъули лоиҳа: | |
| *13.* Organization name and coordinates: *(indicate your legal status)*<br>Номи ташкилот ва нишонӣ:<br>(*ҳолати ҳуқуқии худро нишон диҳед*) | |
| *14.* Other: *(short; information, you find important to add here)*<br>Ғайра: (*Маълумоти кӯтоҳ, ки ба ақидаи шумо муҳим аст*) | |
| 15. Date of submission:<br>Таърихи пешниҳод: | |

**ДАСТУРАМАЛ БАРОИ СОХТАНИ ЛОИХА**

Барои лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳо /шахсони инфиродӣ ба Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ барои маблаӯғгузорӣ ирсол карда мешаванд

*A) Ташкилоти дархосткунанда*

1. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи ташкилоти дархосткунанда
   - Миссия (вазифаи) ташктлот.
   - Таърихи таъсиси ташкилот ва муассисони он.
   - Шакли ташкилот (ғайридавлатӣ, муассисаи давлатӣ, ва ғайра).

2. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи дархосткунанда (шахси инфиродӣ)
   - Ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои тасдиққунандаи салоҳият ва эътибори дархосткунанда.
   -

3. Фаъолиятҳои асосии ташкилот/шахси инфиродӣ
   - Лоиҳаҳои иҷрошуда ва фаъолиятҳои асосии ташкилот.
   - Дастовардҳои лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои иҷрошуда.
   - Шарикон ва ташкилотҳои донорӣ.
   - Ҳисоботҳои дар васоити ахбори омма масалан; мақолаҳо, мусоҳибаҳо, видео ва ғ., ки сифати фаъолият ва ё маҳсули дархосткунандаро тасдиқ мекунанд.

*B) Лоиҳаи пешниҳодшуда*

1. Тавсифи  проблема/масъала
   - Тавсифи масъалаи/ проблемаи муайяне, ки лоиҳаи пешниҳод шуда бояд ҳал кунад.
   - Тавсифи сабабҳое, ки асоси масъаларо/ проблемаро ташкил медиҳанд.
   - Проблема ва ё масъалаҳои муҳим, ки лоиҳа баҳри ҳалли он кӯшиш ба харҷ медиҳад.
2. Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа
   - Ҳадафи умумии лоиҳа (роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар боло зикрёфта).
3. Натиҷаҳои пешбинишуда
   - Тавсифи натиҷаҳои умумӣ, ки дар чорчӯбаи лоиҳа ба даст оварда мешаванд.Оё оқибатҳои ногузирии лоиҳа метавонанд ба вуҷуд оянд ва чӣ гуна ин масъалаҳо (проблемаҳо) ҳал карда мешаванд.
   - Лоиҳа аз ҳисоби буҷет ва фаъолиятҳои пешбинишуда чӣ гуна натиҷа ба даст меоварад.
4. Фаъолияти лоиҳа

- Нақшаи чорабиниҳое, ки дар доираи лоиҳа амалӣ хоҳанд гашт.
- Натиҷаи бевоситаи ҳар як фаъолият ('ҳадафҳо').
- Баёни он, ки чӣ тавр ин чорабиниҳо барои ба баст овардани ҳадафҳои лоиҳа мусоидат хоҳанд кард.

5. Бенефитсиарҳо/Баҳрабарандгон
   - Бенефитсиарҳо/баҳрабарандгон: теъдод ва хусусияти шахсоне, ки аз иҷроиши лоиҳа бевосита манфиат мегиранд.
   - Баёни он, ки киҳо ва ё шумораи нафароне, ки аз лоиҳа бевосита ва ё бавосита манфиат мегиранд.
6. Шарикон
   - Ташкилотҳои дигар (давлатӣ ва ғайридавлатӣ), ки дар ҳалли масъалаи/проблемаи дар боло зикршуда саҳмгузоранд
   - Лоихаи шумо чӣ тавр фаолияти онҳоро такмил медиҳад (пурра мекунад)?
   - Дигар ташкилотҳои маблағгузор (донорҳо), ки лоиҳаи шуморо дастгирӣ мекунанд.

7. Мӯҳлати амали лоиҳа
   - Нақшаи фаъолият.
   - Санаи анҷомёбӣ
8. Буҷет
   - Мувофиқи намунаи буҷети ДШҲ
9. Мониторинг ва арзёбӣ
   - Чӣ гуна фаъолияти лоиҳа натиҷаҳои ба нақша гирифтушударо ба даст меоварад?
   - Оё взъияти дар боло зикршуда, дар давоми иҷроиши лоиҳа беҳтар мешавад?
   - Пас аз анҷоми лоиҳа масъала/проблема ҳалли худро меёбад ва ё ҳолат осонтар мешавад? Шумо чӣ гуна кафолат медиҳед, ки вазъ боз бадтар намешавад? (Тибқи принсипҳои зарар нарасонидан ва устуворӣ)

Замимаҳо

Замима: Буҷет

Замима: Нақшаи корӣ

Замима: Дастурамал оиди аёнияти лоиҳаҳои ДШҲ

## Замимаи 2. Намунаи буҷет

**Буҷет (саҳми донорҳо ба иҷрокунандаи лоиҳа)**
**Лоиҳа**
**Ташкилот/шахси инфиродӣ:**
Асъор: Сомонӣ

Дар сурати маблағгузории муштарак истифода хоҳад шуд

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 (=7+8+9) | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хати буҷет №:** | **Тавсифи хароҷот** | **Воҳиди ченак/ Пардохти яккарата** | **Миқдор** | **Арзиши мавод** | **Маблағи умумӣ** | **Донори 1** | **Донори 2** | **Донори 3** |
| | | | | Фаъолиятҳои лоиҳа | | | | |
| 1 | Фестивали мусиқӣ | | | | - | | | |
| 1.1 | Иҷораи бино | Пардохти яккарата | 1 | 50'000 | 50'000 | 25'000 | 25'000 | |
| 1.2 | Пардохти хизматрасонии ҳунармандон | Пардохти яккарата | 1 | 75'000 | 75'000 | 75'000 | | |
| 1.3 | Постерҳо | Воҳиди ченак | 375 | 50 | 18'750 | | | 18'750 |
| 1.4 | Мукофотҳо | Воҳиди ченак | 10 | 1'000 | 10'000 | | | 10'000 |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | Кормандони лоиҳа (маош ва дигар хароҷотҳо) | | | | |
| 2 | Маош | | | | | | | |
| 2.1 | Роҳбар | Моҳ | 4 | 7'500 | 30'000 | | 30'000 | |
| 2.2 | Ёвар | Моҳ | 5 | 2'500 | 12'500 | | | 12'500 |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | Маводҳо ва таҷҳизот | | | | |
| 3.1 | Компютер | Воҳиди ченак | 1 | 7'500 | 7'500 | 7'500 | | |
| 3.2 | Принтер | Воҳиди ченак | 1 | 2'000 | 2'000 | 2'000 | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | Дигар хароҷотҳои лоиҳа | | | | |
| 4.1 | Маводи тиббӣ | Воҳиди ченак | 5 | 500 | 2'500 | | | 2'500 |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | - | | | |
| | | | | | **208'250** | **109'500** | **55'000** | **43'750** |
| | | | | | 100% | 53% | 26% | 21% |

**Маблағ:**

| | Маблағи тасдиқшуда | Маблағи тасдиқнашуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **Донори 1** | 109'500 | | 109'500 |
| **Донори 1** | 35'000 | 20'000 | 55'000 |
| **Донори 1** | | 43'750 | 43'750 |
| Маблағи умумӣ | 144'500 | 63'750 | 208'250 |
| % | 69% | 31% | 100% |

**Буҷет (саҳми донорҳо ба иҷрокунандаи лоиҳа)**
**Лоиҳа**
**Ташкилот/шахси инфиродӣ:**
Асъор: Сомонӣ

Дар ҳолате, ки донорҳо ҳама маблағи лоиҳаро пардохт менамоянд

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Хати буҷет №:** | **Тавсифи хароҷот** | **Воҳиди ченак/ Пардохти яккарата** | **Миқдор** | **Арзиши мавод** | **Маблағи умумӣ** |
| | | **Фаъолияти лоиҳа** | | | |
| 1 | Фестивали мусиқӣ | | | | - |
| 1.1 | Иҷораи бино | Пардохти яккарата | 1 | 50'000 | 50'000 |
| 1.2 | Пардохти хизматрасонии ҳунармандон | Пардохти яккарата | 1 | 75'000 | 75'000 |
| 1.3 | Постерҳо | Воҳиди ченак | 375 | 50 | 18'750 |
| 1.4 | Мукофотҳо | Воҳиди ченак | 10 | 1'000 | 10'000 |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | **Кормандони лоиҳа (маош ва дигар хароҷотҳои вобаста)** | | | |
| 2 | Маош | | | | |
| 2.1 | Роҳбар | Моҳ | 4 | 7'500 | 30'000 |
| 2.2 | Ёвар | Моҳ | 5 | 2'500 | 12'500 |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | **Мавод ва таҷҳизот** | | | |
| 3.1 | Компютер | Воҳиди ченак | 1 | 7'500 | 7'500 |
| 3.2 | Принтер | Воҳиди ченак | 1 | 2'000 | 2'000 |
| | | | | | - |
| | | **Дигар хароҷотҳо** | | | |
| 4.1 | Маводи тиббӣ | Воҳиди ченак | 5 | 500 | 2'500 |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | - |
| | | | | | 208'250 |

| | Маблағи тасдиқ-шуда | Маблағи тасдиқ-нашуда | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Донори 1** | 109'500 | | 109'500 | 53% |
| **Донори 1** | 35'000 | 20'000 | 55'000 | 26% |
| **Донори 1** | | 43'750 | 43'750 | 21% |
| Ҳамагӣ | 144'500 | 63'750 | 208'250 | 100% |
| % маблағи тасдиқшуда/т | 69% | 31% | 100% | |

**Замимаи 3. Нақшаи корӣ**

| НАҚШАИ КОРӢ | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Фаъолият** Ҳар як фаъолиятро сабт кунед. Лутфан, ба қадри имкон, мушаххас бошед. Агар лозим ояд, саҳифаҳои иловагиро истифода баред. | **Бенефитсиарҳои мақсаднок** (агар мумкин бошад), ки фаъолият ба онҳо равона карда шудааст? | **Ҷадвали 12 моҳа** Фаъолиятро бо X аз моҳи аввал то моҳи охир ишора намоед. | | | | | | | | | | | | **Шахс(они) масъул** Барои иҷроиши ин фаъолият кӣ масъул аст? | **Нишон-диҳандаҳои арзёбӣ** Чӣ гуна шумо муваффақияти фаъолиятро чен мекунед? |
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |

**Замимаи 4.**

# ДАСТУРАМАЛ ОИДИ ТАЪМИНИ ТАРЗИ ДУРУСТИ АЁНИЯТИ ЛОИҲАҲОИ АЗ ТАРАФИ ШВЕЙТСАРИЯ ВА Ё ДАР ҲАМКОРӢ БО ДИГАРОН

# ДАСТГИРӢ ЁФТА

Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон

ДУШАНБЕ – 2018

Шарикони мӯҳтарам,

Моҳи апрели соли 2005 Шӯрои федералӣ қарор дод, ки шӯъбаҳо ва идораҳои давлатӣ намуди ягонаи аёнияти корпоративии худро қабул кунанд. Ин унсури муҳим логотипи (тамғаи) нави корпоративӣ мебошад, ки аз нишонаи Швейтсария ва ибораи Конфедератсияи Швейтсария ба чаҳор забони миллӣ иборат аст: **Schweizerische Eidgenossenschaft** - **Confédération suisse** - **Confederazione Svizzera** - **Confederaziun svizra**. Логотипи нав бояд барои нашрҳо, маводи иттилоотӣ, ҳисоботҳо, баннерҳо ва муаррифӣ намудани лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Конфедератсияи Швейтсария маблағгузорӣ мешаванд, бояд истифода шавад. Ҳангоми нофаҳмо будани истифодаи логотип, дастурҳои мазкур ба шумо барои муайян кардани якчанд самтҳои асосии истифодаи он дар бештари мавридҳо дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Швейтсария кӯмак мерасонанд.

Дафтари Швейтсария оид Ҳамкорӣ дар Тоҷикистон (ДШҲ) шуморо бо логотипи нав таъмин намуда, ҳангоми истифода аз он кӯмаки зарурӣ низ пешниҳод менамояд. Азбаски пешбинӣ намудани ҳама имкониятҳои истифодабарии логотип душвор аст, ба қоидаҳои умумӣ таваҷҷӯҳ намоед: дар вақти истифода намудани логотип агар шумо бо мушкилот рӯ ба рӯ шавед ё боварӣ надоред, ки чӣ гуна онро истифода мебаред, бо Дафтари Швейтсария оид Ҳамкорӣ муроҷиат намоед. Дар сиёсати коммуникатсионии худ, ДШҲ пешбинӣ мекунад, ки дар ҳама ҳолатҳо ***шарикон пеш аз чоп ё истеҳсоли логотип бояд ҷавоби ниҳоии мусбати ДШҲ-ро гиранд***.

Дар баробари он, ки Ҳукумати Швейтсария аз дуруст истифода бурдани логотипи худ изҳори нигаронӣ дорад, хоҳишманди он аст, ки шарикон ҳуввият ва аёнияти худро нигоҳ доранд.

Мо умедворем, ки шумо ин Дастурамалро барои худ муфид мешуморед. Агар шумо ягон савол дошта бошед, лутфан ба ДШҲ муроҷиат намоед.

## ИСТИФОДАИ ЛОГОТИП

1. Ҳангоми таҳияи ҳама гуна маводҳои иттилоотӣ ва таблиғотӣ, инчунин таъсиси сомонаҳо, ки дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳое, ки тавассути ДШҲ маблағгузорӣ шудаанд, логотипи зерини Конфедератсия Швейтсария истифода бурда мешавад:

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

2. Андозаи ҳадди ақали (камтарин) логотипи Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (АШРҲ) барои чоп бо чопгари касбӣ 58% аз андозаи аслии он мебошад. Барои логотипи амудӣ 32мм, барои логотипи уфуқӣ бо забони англисӣ 59мм мебошад. Барои чопгарҳои лазерӣ ва инҷектӣ, андозаи ҳадди ақал 65% аз андозаи аслии он мебошад. Яъне 36мм барои тамғаи

амудӣ ва 66мм барои тамғаи уфуқӣ ба забони русӣ мебошад. Логотип аз ин андоза набояд хурдтар бошад.

3. Логотип бояд дар шакли аслии худ истифода шавад, ҳеҷ гуна дигаргунсозӣ иҷозат дода намешавад. Матн дар логотип қисми логотип аст бинобар ин парчам ва матнро алоҳида истифода бурдан мумкин нест.

4. Ҳатман фазо/холигие (минтақаи муҳофизатӣ) ба андозаи логотип мутаносибан мувофиқ дар атрофи логотип мавҷуд бошад.

5. Логотип беҳтар аст, ки дар заминаи (фони) сафед истифода бурда шавад. Бо вуҷуди ин, логотипро дар заминаи рангоранг низ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба замина логотипро метавон ба "позитив" ё "негатив" тағйир дод. Агар шаффофияти замина 60% ё зиёд бошад, матн дар логотип тағйир меёбад (агар «негатив», матн сафед мегардад). Принсипи асосӣ он аст, ки фарқияташ (контраст) бояд кофӣ бошад

**ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ЛОГОТИП**

<u>Вобаста ба формат:</u>



Вобаст ба ҷойгиркунӣ:




a. Логотип набояд аз андозаи 55мм дар чопи форматҳои (A4, A5, A6 / 5) зиёд бошад.
b. Логотип набояд ба тарзи нишеб ҷойгир  шавад.
c. Логотип дар муқова набояд такроран ҷойгир шавад.
d. Минтақаи муҳофизат дар атрофи он набояд пур бошад.
e. Логотип бояд дар муқова  ҷойгир шуда  бошад.
f. Логотип набояд ноқис шуда бошад.

**ИСТИФОДАИ ЛОГОТИПИ КОНФЕДЕРАТСИЯИ ШВЕЙТСАРИЯ ДАР ЯКҶОЯГӢ БО ДОНОРҲОИ ДИГАРИ МАБЛАҒГУЗОР**

1. Логотипи Конфедератсия Швейтсария метавонад дар якҷоягӣ бо логотипи донорҳои дигари маблағгузор истифода карда шавад (дар мисоли лоиҳаи Пешгирии  хатарҳои дурдасти геологӣ, ки аз тарафи Департаменти Корҳои хориҷии Британиё Кабир оид ба Рушди Байналмиллаӣ (DFID) ва Фокус кӯмаки башардӯстона расонида шудааст: намунаи варақаҳои матбуотӣ (пресс-релизи) якҷоя:

DFID Department for International Development

FOCUS HUMANITARIAN ASSISTANCE

An Affiliate of the Aga Khan

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

2. Дар баъзе ҳолатҳо, аёният маҳдуд мешавад ва ё истифодаи логотип бо сабабҳои техникӣ имконнопазир хоҳад шуд. Дар чунин мавридҳо ҳеҷ гуна логотип истифода карда намешавад ва танҳо матн пайдо мешавад (масалан, "бо дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария", "Ин барнома / лоиҳа аз тарафи Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ шудааст", ва ғайра).
3. Логотипи Конфедератсияи Швейтсария дар форматҳои JPG ва EPS дастрас аст (ба истисноӣ логотипҳои "негатив", ки танҳо ҳамчун файлҳои EPS вуҷуд доранд). Намуди EPS аз ҷониби принтер/чопгари касбӣ истифода мешавад. Лутфан баҳри ба даст овардани логотип бо формати EPS ба мутахассис дафтари Швейтсария оид ба робита бо ҷомеа муроҷиат намоед.
4. Истифодаи логотипи Конфедератсияи Швейтсария дар кортҳои шиносоӣ, ки шарикон ё лоиҳаҳо истифода мебаранд, иҷозат дода НАмешавад. . Масалан, ба ҷои он матни «Бо маблағгузории / дастгирии ... метавонад истифода бурд.
5. Қабл аз чопи логотип ва матн, розигии ДҲШ зарур аст.

***Қарорҳо дар бораи аёнияти Швейтсария низ дар асоси ҳар як ҳолатҳои мушаххас қабул карда мешаванд. Барои саволҳои минбаъда, лутфан ба мутахассиси ДҲШ оид ба робита бо ҷомеа муроҷиат намоед.***

**ЭЪТИРОФИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ШВЕЙТСАРИЯ**

Швейтсария ҳамкориро бо ташкилоти шумо хеле қадр мекунад. Моро бояд ба тариқи зерин эътироф намуд:

Дар доираи Стратегияи ҳамкорӣ барои солҳои 2017-2020 Швейтсария ба чаҳор бахш дар Тоҷикистон фаъолият дорад:

а) Рушди инфрасохтор, тағйирёбии иқлиму об;
б) Тандурустӣ;
в) Идоракунӣ, муассисаҳо ва мутамарказкунонӣ;
г) Шуғли аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ.

Ҳадафи умумии ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон сулҳу субот ва муттаҳидии ҷомеа, инчунин фаъолияти масъул ва фарогири муассисаҳо, рушди устувор, беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад: www.eda.admin.ch/dushanbe www.seco.admin.ch

**ВАРАҚАҲОИ МАТБУОТӢ, ТАМОС БО ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА (ВАО) ВА СУРОҒАҲО**

Варақаҳои матбуотии лоиҳаҳои тавассути Швейтсария маблағгузорӣ шуда, бояд бо машварат ва ҳамкорӣ бо роҳбари барнома ва Мутахассис оид ба робита бо ҷомеаии ДШҲ анҷом дода шаванд. Саҳмгузории Швейтсария бояд дар ин варақаҳои матбуотӣ қайд карда шавад.

Саҳми Швейтсария бояд инчунин дар робитаҳои дигар бо воситаҳои ахбори омма эътироф карда шавад (масалан, дар мусоҳибаҳо). Имконияти алоқа бо ДШҲ бояд дар чунин робитаҳо таъкид карда шавад. Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ (ДШҲ) бояд дар бораи алоқаҳои шарикон бо ВАО иттилоъ дошта бошад.

Дар давоми чорабиниҳои ҷамъиятӣ, ба монанди ифтитоҳи лоиҳа, суроғаҳои иҷрокунандагон бояд инчунин маблағгузории Швейтсарияро эътироф кунанд.

### СОМОНАИ ИНТЕРНЕТ

Дар сомонаи лоиҳа (агар чунин сомона бошад), ёдоварӣ намудани Ҳукумати Швейтсария бо логотип ва ё матн зарур аст (ниг. параграфи III, 2) ва Инчунин суроғаи сомонаи расмии Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ дар Тоҷикистон www.eda.admin.ch/dushanbe бояд нишон дода шавад.

### ЗАБОНИ ИЛОВАГӢ

Логотипи Конфедератсияи Швейтсария ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад ва аз 4 забон: олмонӣ, фаронсавӣ, итолиёвӣ ва раето-романӣ мавҷудбуда **ЯГОНТОЯШ НАБОЯД** иваз шаванд.

Логотипи Конфедератсияи Швейтсария метавонад бо тарҷума ба ду забони дигар пахн шавад; забонҳои иловагӣ бо хати холис ҷудо карда мешаванд. Шрифт/ҳарф ва ранг тағйир намеёбад.

### ҲАҶМҲО

Логотип метавонад дар андозаҳои гуногун истифода шавад. Вобаста аз он, ки барои чӣ логотип истифода мешавад, истифодаи андоза ҳатмӣ мебошад, ин барои логотипҳои ҳам ранга ва ҳам сиёҳу сафед дахл дорад. Хурд кардани андозаи логотип маҳдуд аст, аммо шумо метавонед ҳаҷми логотипро бо хоҳиши худ вобаста ба формати нашр калон намоед. Агар фазо хеле маҳдуд бошад, логотипро метавон танҳо бо матн иваз кард.

### НАШР ДАР ЗАМИНАҲОИ (ФОНҲОИ) РАНГА

Логотип метавонад дар заминаҳои (фонҳои) гуногуни ранга истифода шавад, аммо он дар заминаи сафед беҳтар ба назар мерасад. Аммо, агар ранги замина аз сафед дигар бошад, ё ки тақрибан шиддатнокии ранги фон аз 60% боло бошад, тавсия дода мешавад, ки нусхаҳои «негатив» логотипро истифода баранд, то ки фарқияти кофӣ дар байни замина ва матн ба назар расад.

**Маълумот барои тамос:**


**Рамзия Мамадназарова**

*Мутахассис оид ба робита бо ҷомеа*

*Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ*

Tel: (+992 37) 224 73 16

E-mail: ramziya.mamadnazarova@eda.admin.ch

**Замимаи 5. Ҳисоботи ниҳоии хаттӣ**

**1. Лоиҳа ва маълумот барои тамос**

| | |
|---|---|
| **Номи лоиҳа:** | |
| **Рақами лоиҳа** (аз тарафи ДШҲ пур карда мешавад) **:** | |
| **Ташкилот:** | |
| **Минтақаи лоиҳа:** | |
| **Санаи татбиқи лоиҳа:** | Санаи ифтитоҳ:<br>Санаи анҷом: |
| **Арзиши лоиҳа (аз ҷумла саҳми ташкилот / донорҳо, сарчашмаҳо ва ғайра):** | |
| **Роҳбари лоиҳа:** | |
| Телефон:<br>Суроғаи электронӣ: | |
| **Менеҷери молиявӣ /муҳосиб:** | |
| Телефон:<br>Суроғаи электронӣ: | |

**2. Маълумоти мухтасари лоиҳа (на зиёда аз 1 саҳифа)**

Пешниҳоди мухтасар:

- Тавсифи масъала/проблема;
- ҳадафҳои асосии лоиҳа;
- тавсифи мухтасари чорабиниҳои лоиҳа;
- натиҷаҳои асосии лоиҳа;
- таъсири лоиҳа ба гурӯҳи мақсаднок ва ё гурӯҳҳои дигар, ки ба лоиҳа ҷалб гардидаанд.

**3. Ҳадафҳои асосии лоиҳа (на зиёда аз 1 саҳифа)**

Мақсад ва вазифаҳои умумии лоиҳа кадомҳоянд? Натиҷаҳои ниҳоӣ/интизорӣ чӣ гунаанд? Чӣ гуна онҳо ба беҳтар намудани вазъият/ҳалли мушкилот мусоидат мекунанд?

**4. Фаъолиятҳои лоиҳа (на зиёда аз 0,5 саҳифа)**

Кадом чорабиниҳои асосӣ иҷро шудаанд?

**5. Натиҷаҳои лоиҳа (на зиёда аз 1 саҳифа)**

Оё шумо ба натиҷаҳои дар лоиҳаи пешниҳодшуда ноил гардидед? Натиҷаҳои ба дастовардашударо тавфс намоед.

*Дар ин қисм шумо набояд фаъолиятҳо /натиҷаҳои ибтидоӣ/миёна муддати лоиҳаро нишон диҳед, балки шумо бояд ба дастовардҳои ниҳоии лоиҳаи худ диққат диҳед. Натиҷа ва ё дастовардҳои ниҳоии лоиҳаҳо тағйироти фаврие мебошанд, ки баъди ба итмом расонидани лоиҳа дар гурӯҳҳои мақсаднок (масалан, донишҳои беҳтар, баланд бардоштани огоҳӣ) пайдо мешаванд.*

**6. Устувории лоиҳа (на зиёда аз 1 саҳифа)**

Чӣ гуна давомнокии лоиҳа пас аз хотима ёфтани дастгирии молиявии Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар назар аст?

Натиҷаҳои лоиҳа чӣ гуна устувор хоҳанд буд?

*Мисолҳоро пешниҳод кунед (масалан, ташкилоти шумо дорои сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ буда, метавонад аз ҷиҳати молиявӣ натиҷаҳои ибтидоии лоиҳа/натиҷаҳои миёнамуддати лоиҳа/ё натиҷаҳои ниҳоии онро устувор нигоҳ дорад: ё ташкилоти шумо дорои дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ буда, барои давом додани фаъолияти лоиҳа мусоидат ва ё такя ба натиҷаҳои лоиҳа мекунад; ё ташкилоти дигар натиҷаҳои ибтидоӣ /миёнамуддат/ ва ниҳоии лоиҳаро ба ихтиёри худ қабул мекунад: ё рафтори гурӯҳи мақсаднок аллакай ба шакли устувор тағйир ёфтааст).*

**7. Аёнияти ДШҲ дар рафти лоиҳа (на зиёда аз 0,5 саҳифа)**

Аёнияти кӯмакҳои молиявии ДШҲ дар давоми иҷрои лоиҳа чӣ гуна истифода шуда буд?

**8. Масъалаҳо/мушкилиҳо дар рафти иҷроиши лоиҳа *(*на зиёда аз 1 саҳифа*)***

Оё шумо дар раванди амалисозии лоиҳа ба проблема/душвориҳо дучор шудед? Чӣ гуна онҳоро ҳал намудед?

**9. Хулоса ва тавсияҳо**

Дарсҳои (таҷрибаҳои) омӯхташуда ва шарҳҳои дигар дар бораи татбиқи лоиҳа (таҷрибаҳои мусбӣ ва ё манфӣ, агар лозим бошад).

- Чӣ гуна дарсҳо (таҷрибаҳо) аз оғози татбиқи лоиҳа то ин замон омӯхта шуданд.
- Тавсияҳо барои ҳал намудани мушкилоти мавҷуда.

Таърихи ирсоли ҳисобот: ____________________________
Имзо: ____________________ Ном:_______________

Таърихи тасдиқи ҳисобот аз ҷониби ДШҲ: ________________
Имзои намояндаи ДҲШ: _________________ Ном:_________________